**ОИННОМАИ**
**МАҶАЛЛАИ «ОМӮЗГОРИ МУОСИР»**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир» (минбаъд – Нашрия) нашрияи таълимӣ, методӣ ва оммавии Филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе мебошад.

2. Муассиси нашрияи «Омӯзгори муосир» Филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе аст.

3. Нашрияи «Омӯзгори муосир» (минбаъд – Нашрия) дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байлалмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

4. Номи пурраи нашрия чунин аст: Маҷаллаи «Омӯзгори муосир».

5. Макони ҷойгиршавии Нашрия: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 8/1.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО

6. Мақсади асосии Нашрия ба роҳ мондани чопи доимӣ ва мунтазами маҷалла (дар як сол 4 шумора (дар ҳаҷми 64 саҳифа) ё вобаста ба имконот то 6 шумора (дар ҳаҷми 50 саҳифа) ба андозаи коғази А 4 ё ин ки 62x84 1/8) ва ба ин васила мусоидат кардан ба тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ, усулҳои нави таълиму тарбия, татбиқи босамари муносибати босалоҳият ба таълим, такмили ихтисоси омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаи таълимӣ ҷиҳати ноил шудан ба сатҳи баланд ва сифати таҳсилот бо истифода аз принсипҳои муосири дидактикӣ, технологияҳои инноватсионӣ, равишҳои методӣ ва методологӣ, рушди бештари илмҳои педагогика, равоншиносӣ, фаъолияти пурсамари аҳли маориф, баланд бардоштани сифати корҳои таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, рушди маърифату маънавияти бештари аҳли ҷомеа, тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносиву ҳувияти миллӣ, ваҳдат ва ягонагии мардуми кишвар мебошад.

7. Ин ҳадафҳо дар заминаи иҷрои вазифаҳои зерин амалӣ гардонда мешаванд:

- чопи мақолаҳо оид ба дастовардҳои навтарини илмҳои педагогика ва психология, мактабшиносӣ, идоракунии соҳаи маориф;
- шарҳу тавзеҳи қонунҳо ва қарорҳо оид ба рушди мактабу маориф;
- чопи мақолаҳо оид ба вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- чопи мақолаҳои методӣ оид ба усулҳои навтарин ва пурсамари тадриси ҳамаи фанҳои таълимӣ ва ташкили корҳои тарбиявӣ;
- чопи маводи иловагии таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ бо мақсади боло бурдани сатҳи маълумотнокии омӯзгорон аз фанҳои таълимӣ;

- чопи порчаҳо аз манбаъҳои таърихӣ, илмӣ ва педагогӣ бо мақсади мукаммал сохтани маводи таълимие, ки дар китобҳои дарсӣ ва дастурамалҳои методӣ омадаанд;

- чопи мавод оид ба технологияҳои таълимии муосир ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот;

- чопи мақолаҳо аз таҷрибаи пешқадам ва ибратбахши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ, муассисаҳои соҳаи маориф;

- чопи нақшаҳо ва барномаҳои таълим;

- чопи мақолаҳо оид ба сифати китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ;

- тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, демократия, озодӣ, ифтихори миллӣ, сулҳу осоиш, ваҳдат ва ягонагӣ;

- ҷалби олимон, омӯзгорон, пажӯҳишгарон, адибону рӯзноманигорон ба инъикоси масъалаҳои муҳими соҳаи маориф;

- шинос кардани хонандагон бо навгониҳо ва рӯйдодҳои муҳим дар муассисаҳои маорифи кишварҳои саросари олам;

- чопи мақолаҳои таҳлилӣ.

## 3. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ НАШРИЯ

8. Нашрия шахси ҳуқуқӣ набуда, ҳолати ҳуқуқии он аз Оинномаи муассис бармеояд.

9. Нашрия дорои амволи алоҳида набуда, аз амволи дар мувозинаи Филиали Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе қарор дошта истифода мебарад.

10. Нашрия наметавонад аз номи худ уҳдадориҳо ба зимма гирад, дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

11. Нашрия ҳақ дорад дар шабакаи Интернет сомонаи худро дошта бошад.

12. Нашрия метавонад замимаҳои худро таъсис дода, чопи онҳоро ба роҳ монад.

13. Муассиса дорои ҳуқуқҳои дигари муайянкардаи қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## 4. АМВОЛ ВА ВОСИТАҲОИ НАШРИЯ:

14. Амвол ва дигар воситахои лозимаро барои пешбурди кори Нашрия Муассис таъмин менамояд.

15. Фоидае, ки дар натиҷаи фаъолияти Нашрия ба даст меояд, дар ихтиёрдории Муассис қарор дошта, танҳо барои эҳтиёҷоти Нашрия масраф карда мешавад.

16. Нашрия фаъолияти истеҳсолӣ - хоҷагии худро аз ҳисоби Муассис ба роҳ мемонад.

17. Даромади Муассис аз манбаъҳои зерин ҳосил мешавад:

- маблағи обуна ба маҷалла;
- фурӯши озоди маҷалла;
- чопи эълону рекламаҳо, табрикот, дархостҳо;

- кумакҳои молиявии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, сарпарастон, соҳибкорони хусусӣ;
- грантҳо;
- маблағҳои муаллифоне, ки чопи мақолаҳояшонро фармоиш мекунанд.

## 5. ИДОРАКУНИИ НАШРИЯ

18. Мақоми идоракунии Нашрия Муассис мебошад.

19. Муассис дар кори идоракунии фаъолияти Нашрия ҳуқуқу вазифаҳои зеринро дорост:

- дар кори идора кардани фаъолияти Нашрия иштирок менамояд;
- ҳайати таҳририя ва машваратии Нашрияро муайян мекунад:
- сармуҳаррир ва ҳайати эҷодии Нашрияро таъйин ва озод мекунад:
- аз Нашрия соле як маротиба хисоботи пурра ва хар мох хисоботи чорӣ талаб менамояд;
- нашрияро ба ҷавобгарӣ мекашад ва барои қатъ кардани фаъолияти он фармоиш медиҳад;
- як қатор ваколатҳои худро вобаста ба пешбурди кори эҷодии Нашрия ба Сармуҳаррир месупорад;
- ҳангоми истифода аз ҳуқуқҳои худ пешниҳодҳои ҳайати эҷодиро ба инобат мегирад;
- нашрияро аз ҷиҳати молиявӣ ва маънавӣ дастгирӣ менамояд, онро бо таҷҳизот, дафтари корӣ ва дигар маводи барон фаъолият зарурӣ таъмин мекунад;
- нашрияро тарғиб мекунад ва барон пешрафти он чораҳо меандешад;
- маълумоти махфӣ ва асрори нашрияро фош намекунад;
- нашрияро дар хама ҷой муаррифӣ мекунад, бо ташкилоту муассисаҳои гуногун ва шахсони алоҳида ҳамкорӣ менамояд, қарордод ба имзо мерасонад, аз шахсони алоҳида, идораҳо ва ташкилотҳо маблағу кумак ва ё қарзу грантҳо мегирад ва ба онҳо чунин тарзи муомиларо дар амал мебарорад;
- фаъолияти нашрияро ба накша мегирад ва онро дар амал татбиқ менамояд.

20. Ба фаъолияти нашрия сармуҳаррир ки ба ин вазифа аз тарафи Муассис таъйин карда мешавад, масъул мебошад.

21. Ҳайати таҳририя мақоми ҷамъиятии машваратӣ буда, ба пешрафту беҳбуди фаъолияти эҷодии нашрия ёрӣ мерасонад.

22. Мақоми олии худидоракунии нашрия маҷлиси умумии кормандони Муассиса махсуб шуда, он барои ҳалли масъалаҳои мансуб ба манфиатҳои Муассиса ва тамоми коллективи меҳнатии он соле на камтар аз ду маротиба даъват карда мешавад.

## 6. ДАРОВАРДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМА

23. Тағйиру иловаҳо ба Оинномаи нашрия танҳо бо ризоияти Муассис ворид гардида, он дар шакли фармоиши директори Филиали Муассисаи

давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе расмӣ кунонда мешавад.

24. Аз нав ташкилдиҳӣ ва ё барҳам додани Нашрия бо қарори Муассис ё мақомоти судӣ ба амал меояд.